«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
доктори илмҳои биологӣ, профессор
_____________ Давлатзода С.Х.
«____» _____11_____ 2022 с.

**Тақризи**

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзуи “Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)”, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). – Душанбе, 2022. – 159 с.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Алишери Амирхон дар доираи яке аз бандҳои барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи идораи давлатӣ ва таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара барои солҳои 2017-2023 дар мавзуи “Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихӣ (давраи муосир)” омода карда шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра – 2 нафар доктори илмҳои таърих, профессор, 5 нафар номзади илмҳои таърих, 2 нафар муаллими калон, 12 нафар муаллимон иштирок доштанд.

Муассисаи тақриздиҳанда дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои таърих, дотсент Алимов Давлаталӣ Халилович омода

гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалӣ дорад.

**Мубрамияти мавзуи** таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки омӯзиши таърихи манотиқи алоҳидаи ҷумҳурӣ, барои рушди ҳаёти фарҳангии минтақаи таҳқиқшаванда дар солҳои соҳибистиқлолӣ аҳаммияти бузурги илмиро дорост. Аз тарафи дигар, барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи Тоҷикистони муосир, омӯзиши минтақаву навоҳии алоҳидаи он хеле муҳим ва аҳаммияти бузурги илмӣ-таърихӣ дорад.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро** таҳаввулоти фарҳангӣ дар соҳаи маориф, адабиёт ва санъати вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ** – ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии** таҳқиқоти илмии мазкур васеъ буда, дар диссертатсия аз маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва маводи матбуоти даврӣ васеъ истифода гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиш ва инъикоси ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Методологияи таҳқиқот.** Дар рафти таҳқиқот аз усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ–таърихӣ, ба шумули диалектикӣ, таърихӣ, мантиқӣ, системавӣ, функсионалӣ, иҷтимоӣ, меъёрию мантиқии таҳлили илмӣ истифода шудааст.

**Навоварии илмии** кор дар он аст, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ паҳлуҳои гуногуни ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон, аз қабили маориф, адабиёт, матбуот ва дигар расонаҳои хабарӣ, театр, мусиқӣ, китобхона, осорхона ва боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ таҳқиқ шудааст.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши илмии он, мақсад ва ҳадафи омӯзиш, объект ва предмети таҳқиқот, чаҳорчӯбаи хронологии он, миқёси худудии таҳқиқот, навгонихои илмии рисола, асосҳои назариявии таҳқиқот, муҳиммияти мавзуъ ва асосҳои методологии таҳқиқот таҳлил ёфтааст.

Боби якуми диссертатсия – **“Таҳаввулот дар низоми таълиму тарбия”** номгузорӣ шуда, он аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал – **“Дигаргуниҳо дар соҳаи маорифи вилояти Хатлон”** муаллиф менигорад, ки маориф ҳамеша ва пайваста дар мадди назари роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Мо инро аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бараъло ва ба таври возеҳу равшан мушоҳида мекунем.

Муаллиф қайд менамояд, ки муҳимтарин таҳаввулоти соҳаи маориф дар солҳои истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи таҳия ва тасдиқи як силсила санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ҳамчунин, таъсиси макотиби типи нав аз қабили гимназия, литсей, коллеҷ, таъсиси квотаи президентӣ, қабули барномаҳои компютерикунонии мактабҳо, муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон, таъсиси стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тадриҷан афзудани маблағгузорӣ дар самти рушди маориф, афзоиши бунёди мактабҳои нав, табдил додани донишкадаҳо ба донишгоҳҳо ва коллеҷҳо ба омӯзишгоҳҳои мухталифи таълимӣ ва дигар чорабиниҳои муҳим мебошанд, ки ҳамаи онҳо ба пешрафти соҳаи маорифи вилояти Хатлон мустақиман таъсир гузоштанд.

Дар зербоби дуввуми боби аввал – **“Вазъи таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ”** унвонҷӯ менависанд, ки пас аз фурӯпошии ИҶШС муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олии вилояти Хатлон ба мушкилоти назаррас дучор шуданд. Барои бартараф кардани мушкилоти соҳа ва баланд бардоштани савияи дониши донишомӯзону

донишҷӯён аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия шуданд. Ин иқдом барои беҳтар шудани низоми таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олии вилояти Хатлон таъсири мусбӣ расонд.

Шумораи умумии муассисаҳои таҳсилоти касбии ибтидоӣ ва миёнаи махсус низ дар солҳои мавриди назари мо афзоиш ёфт. Соли 2016 дар вилояти Хатлон 17 литсейи касбӣ-техникӣ ва 16 коллеҷ фаъолият менамуд.

Боби дуюми рисола “**Вазъи адабиёт ва санъат**” аз се зербоб иборат аст.

Зербоби аввал **“Нақши адабиёт ва васоити ахбори омма дар пешрафти ҳаёти маънавии мардуми вилоят”** номгузорӣ шуда, унвонҷӯ менависанд, ки аҳли адаби Хатлонзаминро шуъбаҳои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Бохтар ва маҳфилҳои адабӣ муттаҳид менамоянд. Дар шаҳру навоҳии вилоят маҳфилҳои зиёди адабӣ фаъолият мекунанд. Ҳоло дар вилояти Хатлон адибони маъруфи тоҷик Ҳақназар Ғоиб, Алимуҳаммад Муродӣ, Озар, Зариф Ибод, Назар Халил ва дигарон ба эҷоди осори бадеӣ машғуланд, ки осори онҳо дар тарбияи эстетикӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносии мардум нақши муассир доранд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм - “**Рушди ҳунари театрию мусиқӣ**” - муаллиф менависад, ки бар асари нооромиҳои солҳои 90-уми асри XX театрҳои вилоят то соли 2004 чун муассисаҳои мавсимӣ танҳо чорабиниҳои расмӣ ва ҷашну фестивал баргузор карда, тақрибан кори муназзами касбӣ надоштанд.

Муаллиф иброз менамояд, ки аз ошноӣ бо маводи мавҷуда, таҳлилу баррасии фаъолияти театрҳои касбӣ, халқӣ, филармония, дастаҳои ҳунарии вилояти Хатлон, ки онҳо ҳамеша хидмати бошандагони вилоят, шаҳрвандони кишвар ва вазифаҳои касбиашонро бо сарбаландӣ ба иҷро мерасонанд, баъзе мушкилот ҷой доранд, ки фаъолияти пурсамари

онҳоро халалдор месозанд. Техникаи саҳна дар театру муассисаҳои консертӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нест ва дар ин самт маблағи зарурӣ ҷудо намешавад. Дар айни замон, мутахассисони ҷавон бо сабаби камбуди манзили зист, хобгоҳ, нокифоя будани музди меҳнат ин соҳаро тарк менамоянд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм-“**Таҳаввулот дар низоми фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ**” унвонҷӯ менависад, ки дар тӯли даҳсолаи аввали соҳибистиқлолии кишвар фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии вилояти Хатлон ба талаботи рӯз ҷавобгӯ набуд.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки солҳои таҳқиқот дар шаҳру деҳоти гуногуни вилоят аз ҳисоби маблағгузориҳои гуногуни давлатию ғайридавлатӣ чандин бинои китобхона бунёд ва таъмиру тармим шуданд.

Муаллиф менависад, ки мушкилоти дигари соҳаи китобдорӣ, бахусус дар китобхонаҳои деҳот камбуди адабиёти тозанашр, таҷҳизоти маъмулӣ, аз қабили мизу курсӣ, ҷевон, рафҳои китоб, воситаҳои техникӣ, пайваст набудани муассисаҳо бо шабакаи интернетӣ, бинои кӯҳнаи китобхонаҳо, маоши пасти кормандони ин соҳа ва ғайра мебошад.

Дар охир муаллиф қайд менамояд, ки фаъолияти пурсамари боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар радифи осоиши рӯҳӣ, дар тарбияи эстетикию зебопарастӣ ва унс гирифтани инсонҳо, бахсус насли ҷавону кӯдак ба зебогиҳои табиат нақши бузург бозида, чунин боғҳо маркази асосии баргузории чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ гардидаанд.

**Дар хулосаи диссертатсия** фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шуда, инчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси қабул мебошанд.

Ҳамин тавр, нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ хислати навгонӣ доранд.

Сохтор ва муҳтавои асосии диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзӯи **“Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)”** тибқи талабот ва меъёрҳои муайяншудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқ мебошад. Унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсияи худ 10 кори илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи мазкур баъзе нуқсону норасоӣ ба назар мерасанд, ки инҳо мебошанд:

1. Дар диссертатсия фарқияти пешрафти театрҳои минтақа нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар кам таҳлил гардидааст.
2. Хуб мешуд, ки муаллиф дар диссертатсияи худ соҳаи варзиш, фаъолияти муассисаҳои варзишӣ ва иштироки варзишгарони вилояти Хатлонро дар мусобиқоти ҷумҳуриявӣ ва берун аз онро низ мавриди баррасӣ қарор медод.
3. Дар диссертатсия дар саҳифаҳои 13,14,15,19,25,26,27,30,71,95 дастгоҳи илмӣ таҷдиди назар мехоҳад.
4. Дар матни диссертатсия камбудиҳои техникию имлоӣ низ ба назар мерасанд.

Аммо, эродҳои овардашуда қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, онҳо зуд ислоҳшаванда буда, муаллиф метавонад ҳангоми ба нашр пешниҳод кардани монография онҳоро бартараф намояд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзуи **“Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)”** ба бандҳои 31-37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда,

муаллифи он – Алишери Амирхон – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Тақризи мазкур дар кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” санаи 9-уми ноябри соли 2022 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 нафар
Натиҷаи овоздиҳӣ:
«ҷонибдор» - 20;
«муқобил» - нест;
«бетараф» - нест.
Суратҷаласаи кафедра №4 аз 9 ноябри соли 2022.

**Раиси ҷаласа, мудири**
**кафедраи таърихи умумӣ**
**ва фарҳангшиносии МДТ**
**«ДДБ ба номи Носири Хусрав»,**
**доктори илмҳои таърих,**
**дотсент** **Алимов Давлаталӣ Халилович**

**Ташхисгар,**
**дотсенти кафедраи**
**таърихи халқи тоҷики**
**МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»,**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Наботов Файзиддин Сайфидинович**

**Котиби ҷаласа** **Холмаҳмадова Фарзона Хуршедовна**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси МДТ**
**«ДДБ ба номи Носири Хусрав»** **Шукурзод Ҷамшед Абдуалим**

Суроғаи муассиса:
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,МДТ “ДДБ ба номи Носири Хусрав”
http://www.btsu.edu.tj Телефон: +992 (+832-22) 2-54-81; +992 98 902 42 03;
Почтаи электронӣ: ktsu78@mail.ru
«10» 11 2022 с.